ТАҚРИЗ

ба фишурдаи диссертатсияи доктории Шодиев Рустамхон Азизуллоевич дар мавзуи «Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб» (таҳлили таърихӣ ва ҳамзамонӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ

Этнолингвистика ё забоншиносии қавмӣ метавон гуфт мисли забоншиносии иҷтимоӣ, забоншиносии равонӣ, забоншиносии сиёсӣ, забоншиносии ҳуқуқӣ, забоншиносии мувосилот ва ғайра аз равияҳои нисбатан нави забоншиносиест, ки дар Тоҷикистон беш аз пеш таваҷҷуҳи муҳаққиқони забонро ба худ ҷалб менамояд. Равнақ пайдо кардани таҳқиқ дар ин замина шояд бастагӣ ба он дорад, ки ин равияи забоншиносӣ забонро дар муносибат ба қавм ва қавмро дар муносибат ба забон дар давраҳои мухталифи ташаккули он таҳқиқ менамояд.

Аз фишурдаи диссертатсияи илмии Шодиев Рустамхон Азизуллоевич ҳамин ҳақиқат ба назар мерасад, ки унвонҷӯ бори нахуст дар забоншиносии тоҷик ба таҳқиқи гӯйишҳои минтақавӣ дар намунаи лаҳҷаҳои Кӯлоб аз назари этнолингвистикӣ машғул гардида, бо ин иқдоми худ метавон гуфт ба таҳқиқи этнолингвистии лаҳҷаҳои мамлакат роҳ боз кардааст. Имкон дорад, бо истифода аз ин таҷриба дар оянда дар заминаи дигар лаҳҷаҳои Тоҷикистон низ таҳқиқоти густурдаи этнолингвистӣ сурат гирад. Муҳимтар аз ҳама, унвонҷӯ зимни таҳқиқ хусусиятҳои этнолингвистӣ, луғавию маъноӣ ва вожасозии вожаҳои хоси маҳаллиро дар доираи лаҳҷаҳои минтақавӣ мавриди баррасӣ қарор дода, муносибати онҳоро ба забони тоҷикӣ таъйину таҳқиқ намудааст.

Бояд қайд кард, ки яке аз вежагиҳои таркиби луғавии лаҳҷаҳо маҳз дар ҳамин зоҳир мегардад, ки шумораи зиёди онҳо ифодагари расму русум, одату суннат ва анъанаи мардумиву қавмӣ маҳсуб меёбанд ва баррасии чунин хусусияти онҳо мардумияту асолати ҳар забонро равшан менамояд. Он робитаи забон ва фарҳанг, инчунин дарки ҷаҳони

маҳаллиро аз ҷониби гурӯҳҳои этникии гуногун ба диди пажӯҳиш мегиад. Масоили забоншиносиро аз нигоҳи этнология баррасӣ кардан ҷанбаҳои ҳаёти ҷомеаҳоро меомӯзад ва имкони муайян кардани умумият ва як ҷомеаро аз дигарӣ фароҳам меорад, ки мисолашро дар кори мавриди назар мебинем. Дар натиҷа диди донишпажӯҳӣ(когнитивӣ) ва муоширатӣ(коммуникатсионӣ) бо ҳам ба ҳалли қазия мусоидат менамояд.

Ман бо автореферат хуб шинос шудам ва бовар ҳосил намудам, ки муҳаққиқ бо мавзуъ, аҳамияти назариявию амалии он ҳаматарафа ошно шуда мушаххас баррасӣ кардааст.

Дар фишурда таъкид шудааст, ки диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Муқаддима фарогири ҳамаи рукнҳои зарурии рисолаи диссертатсионӣ мебошад.

Боби аввали диссертатсия аз панҷ зерфасл иборат буда, дар он масъалаҳои умумии назарӣ ва амалии марбут ба этнолингвистика ва гӯйишҳои забони тоҷикӣ, вазъи забон ҳамчун объекти этнолингвистика, этнолингвистика ва ҳимояи забонҳо, этнолингвистика ва регионолект ва этногенез ва таърихи этникӣ – объекти муҳимми этнолингвистика таҳқиқ шуда, ҷанбаи назариявии рисоларо афзудаанд. Дар ин боб мафҳумҳои забоншиносии умумӣ ва миллӣ баррасӣ гардидаанд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки фарогири се фасл ва чор зерфасл мебошад, вазъи таърихию забонии Кӯлоб дар давраи бостонии рушди забонҳои эронӣ, вазъи таърихӣ, ҷуғрофӣ ва этнолингвистии минтақаи Кӯлоб дар давраи миёнаи рушди забонҳои эронӣ ва минтақаи Кӯлоб дар давраи нави рушди забонҳои эронӣ баррасӣ шудаанд. Унвонҷӯ андешаҳояшро бо мисолҳои мушаххас ба исбот мерасонад.

Шаш фасли боби сеюм ба баррасии номвожаҳои мухталифи минтақаи Кӯлоб таҳқиқ шуда, дар онҳо масъалаи инъикоси маҳалвожаҳо дар сарчашмаҳои арабӣ, чинӣ ва номҳои таърихии ҷуғрофии ин маҳал,

вариантҳои таърихии номҳои ҷуғрофӣ, табдили таърихии номҳои ҷуғрофӣ ва номҳои имрӯзаи ҷуғрофии таърихӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби чорум, ки аз нуҳ фасл таркиб ёфтааст, ба пажуҳиши синхронии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб, оид буда, дар он таҳқиқи мавзуӣ ва вожагонии вожаҳои хоси гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб, гурӯҳи мавзуии ифодакунандаи номи парандагон, гурӯҳи вожагонӣ-маъноии марбут ба шир, гурӯҳи вожагони ифодакунандаи эҳсосоти гуногуни инсонӣ ва махлуқот, гурӯҳи вожагони мансуби об, гурӯҳи вожагони мансуби ҳайвонот, гурӯҳи вожагоне, ки хоси ин минтақа буда, маъноҳои гуногунро ифода мекунанд, маълумоти пуррарзиш оварда шудааст.

Дар боби панҷум ва чор фасли он масъалаҳои умумӣ оид ба фолклор, робитаи этнолингвистика бо фолклор, зарурати таҳқиқи забонии фолклори Кӯлоб ва нигоҳи этнолингвистӣ ба фолклори Кӯлоб матраҳ гардидааст. Муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки ҷанбаҳои лингвистии маводи фолклории минтақаи мавриди пажӯҳишро бо мисолҳои боварибахш нишон диҳад.

Дар хулоса натиҷаи таҳқиқ баён шуда, оид ба истифодаи амалии онҳо тавсияҳо манзур гардидааст.

Мақолаҳои дарҷкардаи унвонҷӯ асоси мазмун ва мухтавои рисолаи диссертатсиониро ифода кардааст.

Баробари ҳасноти илмиву назариявӣ ва амалӣ дар фишурдаи диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар расиданд:

Аз ҷумла, гоҳо такрори андеша роҳ ёфтааст(саҳ. 5, 17, 21).

Тарҷумаи баъзе мисолҳо тасҳеҳталабанд(с. 34, 42, 48).

Забон ва услуби кор бад нест, вале дар баъзе саҳифаҳо ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд(саҳ.4, 6, 18, 35 ва ғ.).

Бояд қайд намуд, ки норасоиҳои мазкур қиммати илмии дисертатсияро кам намекунад.

Дар маҷмуъ, аз фишурда чунин бармеояд, ки диссертатсияи Шодиев Рустамхон Азизуллоевич дар мавзуи «Пажуҳиши этнолингвистии гӯйишҳои минтақаи Кӯлоб» (таҳлили таърихӣ ва ҳамзамонӣ) кори илмӣ-таҳқиқии баанҷомрасида буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ мебошад.

Муқарриз:
доктори илми филология,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон, Корманди шоистаи Ҷумҳурии
Тоҷикистон Шокиров Т. С.

Имзои Шокиров Туғрал Сироҷовичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И. Ҳ.
« 16 » декабри соли 2022